*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-015 назди Донишгоҳи* **техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ** ***(сурога:*** **734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо–10а. E-mail: habibzoda0303@ gmail.com. Тел.: (+992) 918922242*)***

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯй Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика)**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) мувофиқат мекунанд: “1. Равишҳои назариявӣ ва усулии таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нави амалкарди иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба усулҳо, механизмҳо ва афзорҳои мавҷудбудаи амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт; 2. Мукаммалгардонии ташкил ва идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар шароити бозорӣ; 7. Ташхиси иқтисодии фаъолияти муассиса ва ширкатҳои нақлиётӣ, комплекси нақлиётии мамлакат, минтақаҳои он ва ғ.; 11. Баҳо додан ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётии аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат; 28. Стратегияи рушди иқтисодии ҳалқаҳои аввалия ва муттаҳидшудаи нақлиёт; 33. Самаранокии ташкилию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт; 34. Механизми баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ; 41. Шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи нақлиёт”.

**2. Муҳимияти мавзуи таҳқиқотӣ.** Мавзуи диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» аз лиҳози назариявӣ, илмӣ ва амалӣ дорои аҳамияти махсус мебошад. Нақлиёти мусофирбарӣ дар таъмини ниёзҳои аҳолӣ ва суботи иқтисодӣ дар шароити шаҳрӣ ва деҳот, ба яке аз унсурҳои асосии рушди иҷтимоӣ табдил ёфта, ба рушди демографӣ, ташаккули инфрасохтори муосир ва тавсеаи фазои шаҳрсозӣ мусоидат менамояд. Барои таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳрҳо нақлиёти автомобилии мусофирбарии шаҳрӣ ҳангоми муайянсозӣ ва татбиқи вазифаҳои муосири стратегӣ муҳим буда, иҷрои сиривақтӣ ва босифати онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи мусофирон ба ҳамлу нақл равона шудаанд.

Дар шаҳри Душанбе нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрии микроавтобусҳо воситаи асосии мусофирбарӣ дар хатсайрҳои мусофиркашонӣ ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти шаҳрдорӣ ва иҷрои вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоии он нақши муҳимро мебозад. Ин намуди нақлиёт дорои парки

техникаи нақлиётӣ мебошад, ки бо назардошти ҳаҷм ва сохтори ҷараёни мусофирбарӣ имкони қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётиро фароҳам месозад.

Омӯзиш ва асоснок намудани имкониятҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии микроавтобусҳои шаҳри Душанбе дар таъмини ҳаракати аҳолӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Бо назардошти ин таҳлили вазъи муосир ва рушди нақлиёти мусофирбари мамлакат ва шаҳри Душанбе, аз он ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо нишон медиҳад, ки нақлиёти ҷамъиятии шаҳр айни замон наметавонад пурра талаботи аҳолиро ба хизматрасониҳои босифати нақлиётӣ таъмин намояд. Бинобар ин таҳқиқи масъалаҳои истифодаи самараноки микроавтобусҳо барои баланд бардоштани сатҳи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ дар шароити рушди иқтисодиёти бозорӣ ва рақамикунонии фаъолияти микроавтобусҳо масъалаи муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳлили мундариҷа ва натиҷаҳои баёншудаи диссертатсия бармеояд, ки кори диссертатсионии Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дорои сатҳи кофии нававарии илмӣ буда, ба истифодаи назария, методология ва амалияи имкониятҳои баланд бардоштани сатҳи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба мусофирбарӣ нигаронида шудааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ бо истифодаи маҷмӯи усулҳои дедуктивӣ, индуктивӣ, синтез, муқоисавӣ ва системавӣ, таҳлили оморию иқтисодӣ, амсиласозии коррелятсионию регрессионӣ тавонистааст як қатор натиҷаҳои дорои арзиши назариявию амалӣ пешниҳод намояд. Дар зер муҳимтарин нуқтаҳои илмӣ ва навгониҳои ба дастомада, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, ҷамъбаст мешаванд:

1. Муайян кардани ҷанбаҳои назариявӣ-методии мавқеъ ва мақоми мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ. Дар натиҷаи таҳқиқ принсипҳо ва методи ташкили идоракунии ҳамлу нақли автомобилӣ дар шаҳр ба таври аниқ муайян карда шуда, таҷрибаи хориҷии ташкили идоракунии мусофирбарии автомобилӣ омӯхта, дар асоси онҳо вазифаҳои асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияю нақши онҳо дар беҳтаргардонии дастгирии намуди мазкури нақлиёт дар шаҳри Душанбе аниқ карда шуд.

2. Таҳлили ҳолати муосир, рушди имкониятҳо ва ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе. Муаллиф бо назардошти арзёбии асосҳои консептуалии рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, раванди мусофирбарӣ, таҳлилу муайян кардани омилҳои асосии таъсиррасон ба кори намудҳои гуногуни нақлиёт, аз ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ба таври муфассал ва баҳодиҳии сифати онҳо дар шаҳри Душанбе мавриди таҳқиқ қарор додааст.

3. Коркарди стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе. Дар диссертатсия амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо назардошти омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи талаботи мусофирон коркард ва татбиқ карда шуд.

4. Муайян кардани самтҳои асосии ташкили идоракунии ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе. Диссертант дар ин самт муносибгардонии

шабакаи хатсайрҳо ва системаи идоракунии хизматрасониҳои нақлиётӣ, таҳия ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро муайян ва пешниҳод кардааст, ки таъмин намудани шароитро барои рушди интиқол, такмилдиҳии фаъолияти системаи ягонаи автоматонидаи идоракунии нақлиёти шаҳр ва рушди системаи муосири пардохти ҳаққи роҳкироро бо назардошти татбиқи рақамикунонии нақлиёт дар давраи то соли 2030 дар шаҳри Душанбе дар бар мегирад.

Пешниҳодҳои овардаи муаллиф дорои хусусияти илмию амалии баланд буда, метавонанд дар фаъолияти нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ бевосита истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф имкон медиҳанд, ки дар системаи нақлиёти автомобилии мусофирбарии шаҳри Душанбе дар асоси дастовардҳои илмии пешниҳодгардида рақобатпазирии фаъолияти соҳа таъмин гардад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои илмии диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дорои хусусияти тозаназарона, дар амал тадбиқ шаванда ва ба талаботи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пурра ҷавобгӯй мебошанд. Онҳо метавонанд ба такмилдиҳии назарияи таъмини идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мусоидат намоянд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Диссертант дар кори диссертатсионӣ истифодаи сарчашмаҳои боэътимод ва муътамад, интихоби усулҳои таҳқиқотӣ, эътимоднокии маълумот ва коркарди омории натиҷаҳои таҳлилиро асоснок кардааст. Муқаррароти илмии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида дар раванди таҳқиқот пурра исбот ва тасдиқ гардида, хулосаҳо ва тавсияҳо бо асосноккунии воқеӣ ва далелҳои назариявию таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд. Ин натиҷаҳо фарогири таҳлили амиқи масъалаҳои таҳқиқшуда буда, барои такмил додани механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки бо мақсади такмил додани механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе пешниҳодҳои зерин хеле мухим аст:

1. Таҳлил ва арзёбии дар таҳқиқот доиргардида имкони муайян намудани мақом ва нақши ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр дар шароити рушди инноватсиониро дод. Аз таҳқиқот бармеояд, ки имрӯз вазни қиёсии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтоубсҳо дар шаҳри Душанбе 65%-ро ташкил намуд, ки хеле зиёд мебошад.

2. Дар диссертатсия асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идораи нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ тавассути микроавтобусҳо дар шаҳрҳо ҳамчун объекти таҳқиқ қарор дода шуда, сабабҳои асосии номукаммалии он ошкор ва масоили мавҷуда ҳангоми ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳр тавсиф гардидааст.

3. Ҳолати кунунӣ ва рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳои шаҳри Душанбе дар асоси истифодабарии асосҳои консептуалии рушди системаи амалкунандаи нақлиётӣ арзёбӣ карда шуда, омилҳои асосии арзёбикунандаи

мушкилоти иҷтимоию иқтисодии соҳа бо назардошти шарикии бахши давлатию хусусӣ ошкор ва пешниҳод карда шуданд.

4. Дар диссертатсия сифати мусофирбариҳои шаҳрӣ бо назардошти омилҳои таъсиррасон ба механизми ташкили идоракунӣ бо микроавтобусҳо, ошкорсозии омилҳои ба сатҳи интиқоли шаҳрӣ таъсиррасонанда, инчунин, гузаронидани таҳқиқоти селаи мусофирон дар хатсайрҳои микроавтобусии шаҳрӣ баҳо дода шудааст.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мақоми муҳим ба ташаккулдиҳии стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф стратегияи мазкур дар асоси арзёбии хусусиятҳои хоси рушди нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳри Душанбе таҳия карда шудааст.

6. Дар кори илмӣ бо мақсади такмил додани механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо ва пешгӯии онҳо таҳия ва татбиқ карда шудааст. Истифодаи амсилаи таҳиягардида барои такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ҳамчун асос ба ҳисоб меравад.

7. Муаллиф дар асоси истифодаи механизми шарикии давлатию бахши хусусӣ дар шаҳри Душанбе ва роҳандозии ҳалли вазифаҳои мухталиф таъмини рушди соҳибкориро дар соҳаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо имконпазир мешуморад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти ҳамлу нақли мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо барои ҷалби сармояи иловагӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳо ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт дар шаҳр зарур дониста мешавад.

8. Дар диссертатсия самтҳои асосии афзалиятноки системаи ташкили идораи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар асоси коркарди амсилаҳои иқтисодию риёзӣ ва дурнамои он то соли 2030 асоснок ва таҳия гардиданд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳои илмӣ ва замима иборат мебошад. Ҳаҷми кор 171 саҳифаро ташкил дода, аз 28 ҷадвал, 30 расм ва 194 номгӯйи адабиёт иборат аст.

**Дар сарсухан** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявӣ ва методии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо»** паҳлуҳои назариявию методии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо, принсипҳои ташкили идоракунии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо, инчунин таҷрибаи хориҷии механизми идора ва ташкили ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳрҳо баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки таҳқиқи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ки дар шароити муосири рушди кишвар дар асоси омӯхтани

хусусияти худтанзимшавӣ гувоҳӣ он аст, ки модели бозорӣ метавонад фаъолияти хоҷагидориро дар сатҳи нави инноватсионӣ бо истифодаи платформаи рақамӣ ба роҳ монад ва барои рушду таҳкими системаи хизматрасонии иқтисодӣ мусоидат намуда, талаботи мардумро бо сифати баланд ва пуррагӣ қонеъ созад. Аз ин ҷост, ки бозорро бояд ҳамчун як категорияи иқтисодӣ бо равиши назариявӣ таҳлил намуд, зеро он асоси мубодилаи молу хизматрасониҳоро бо арзиши воқеӣ ва рақобатпазир таъмин мекунад.

Вобаста ба ин диссертант давраҳои бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирбарро ҷудо менамояд: гузаронидани таҳлили шаклҳои муносибатҳои иқтисодӣ миёни иштирокчиёни бозор имконият медиҳад, ки механизми муошират ва ҳамкории онҳо дар муҳити тиҷоратӣ равшан гардида, сатҳи таъсири омилҳои ҷудогона муайян карда шавад; барномасозӣ ва муттаҳид намудани равандҳои хизматрасонии нақлиётӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти самаранок ва ҳамоҳанггардида ба роҳ монда шавад; такмили раванди идораи бозор барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ ба аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

Ба ақидаи муаллиф ҳамлу нақли мунтазами мусофирон бо микроавтобус дар шаҳр – ҳамлу нақли мусофирон бо воситаҳои нақлиёти механикии микроавтобусӣ дар хатсайрҳои шаҳрии пешаки тарҳрезӣ ва тасдиқгардида мебошад, ки дар раванди он мусофиргирӣ ва мусофирфарорӣ дар истгоҳҳо ва маконҳое, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳ иҷозат медиҳанд бо дархости мусофирон анҷом дода мешавад. Бо назардошти ин асоснокнамоии зарурияти истифодабарии микроавтобусҳо барои мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо пеш меояд.

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Ҳолати кунунӣ ва рушди ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе»** вазъи муосир ва рушди мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, арзёбии омилҳои таъсиррасон ба механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо, инчунин баҳодиҳии сифати мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур қайд мегардад, ки бо назардошти зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар шаҳрҳо ва дар ин замина афзоиши талабот ба ҳамлу нақли мусофирон, қонеъсозии талаботи аҳолӣ ба мусофирбарӣ пеш аз ҳама такмили ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофиронро бо назардошти рақамикунонии соҳа, баланд бардоштани сатҳи таъмини бехатарии ҳамлу нақл, инчунин аз ҷиҳати экологӣ ба шаҳри сабз табдил додани шаҳрҳоро талаб менамояд.

Натиҷаҳои таҳлили ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки таҳқиқи ҳиссаи хоси намудҳои гуногуни нақлиёти мусофирбари ҷамъиятии шаҳр дар ҳаҷми умумии мусофирбарӣ ва гардиши мусофирон муҳим аст. Вобаста ба нақлиёти мусофирбарии шаҳри Душанбе ҳаминро бояд қайд намуд, ки мувофиқи маълумоти омории дастрасгардида ба аҳолии шаҳри Душанбе соли 2023 дар маҷмӯъ 2111 адад воситаҳои нақлиётии мусофирбарӣ, аз он ҷумла 732 адад автобус ва 98 адад микроавтобус дар сектори коммуналӣ ва 1281 адад микроавтобус дар сектори хусусӣ хизмат расонидаанд, ки ин тамоюл давом дорад.

Дар рафти таҳқиқот дар 9 хатсайри амалкунандаи шаҳри Душанбе, ки дар онҳо ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо иҷро карда мешавад, аз тарафи муаллиф таҳқиқот гузаронида шуд ва дар ин таҳқиқот пеш аз ҳама муайянсозии селаи мусофирон дар рӯзҳои ҳафта роҳандозӣ карда шуд. Хатсайрҳо аз соати 6.00 то соати 21.00 (ронандагон низ 15 соат бо вақти танаффуси ночиз барои хӯроки нисфирӯзӣ) кор мекунанд. Маълумоте, ки аз натиҷаи таҳқиқот ба даст омадааст, ба як қатор тарафҳои мусбӣ ва манфии кори микроавтобусҳо ишорат менамояд.

**Дар боби сеюми таҳқиқоти илмӣ – «Самтҳои асосии такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе»** ташаккули стратегияи рушди ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо, механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар самти такмили ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо ва модели иқтисодиёю риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо коркард шуда, инчунин роҳҳои такмили механизми ташкили идораи мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе таҳия, асоснок ва пешниҳод шудаанд.

Ташаккули стратегияи рушди ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро муаллиф ба стратегияи рушди инертсионӣ (ғайрифаъол) ва интенсивии (шиддатнок ё гузаштан ба сифатан намудҳои нави нақлиёт) шаҳрҳоро ҷудо кардааст. Стратегияи рушди интенсивӣ аз сенарияҳои гузаштан ба намуди нави нақлиёт иборат мебошад. Сенарияҳо ва параметрҳои асосии рушди нақлиёти автомобилӣ барои шаҳри Душанбе дар ду вариант коркард карда шудаанд: варианти сенарияи ибтидоӣ (базавӣ) ва сенарияи оптимистӣ (муносиб).

Дар кор таъкид мешавад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар соҳаи ҳамлу нақли мусофирон тавассути микроавтобусҳо фаъолияти соҳибкорӣ ба бахши асосии рушди стратегии бозори хизматрасонии нақлиёти мусофирбар табдил меёбад. Вобаста ба таҳлилҳои гузаронидашуда, рушди соҳибкориро дар бахши ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар шаҳри Душанбе ва умуман дар мамлакат дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ тавассути тадбиқи вазифаҳои муайян ҳал намудан имконпазир аст.

Бо мақсади такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва баландбардории самаранокии фаъолияти муссисаҳои нақлиётӣ бо дарназардошти таҳқиқоти гузаронидашуда яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ин рақамикунонии корҳо дар ин самт дар шаҳри Душанбе бевосита бо суръат идома дорад ва якчанд консепсия ва барномаҳои давлатӣ низ тасдиқ ва роҳандозӣ шуда истодаанд.

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар самти такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе пешниҳод гардидаанд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар муқарраргардонии фарқиятҳои объективӣ, ки барои фаҳмишҳои назариявӣ дар шароити фаъолияти корхонаҳои мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе аҳамияти калон доранд,

ифода меёбад, ки барои истифодаи онҳо такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо лозим мебошад. Дар робита ба ин, аз ҷумла, фаҳмишҳои назариявии муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодие, ки дар раванди ташкили мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва таъмини хизматрасонӣ дар муҳити рақобатнок дар шаҳи Душанбе ба вуҷуд меоянд, дар бар мегиранд.

Аз ҷумла, донишҳои назариявӣ дар соҳаи такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо васеъ гардида, равишҳои таҳлили бозор, моделсозии фаъолияти самараноки корхонаҳо систематикӣ омӯзиш ва таҳлил шаванд. Ҷанбаҳои назариявии имкониятҳои такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо мумкин аст дар таҳияи барномахои давлатӣ, стратегия ва дигар маводи институтсионалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа мавриди истифода қарор гиранд. Муқаррароти диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва вазорату идораҳои сохавӣ васеъ истифода шаванд.

Бо дарназардошти ин аҳамиятхо тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳои давлатии рушди босуръати иқтисодиёти миллӣ ва маҳаллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии маводи диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърузаҳои илмӣ баён шудаанд. Интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамоянд, яъне пурра мутобиқат доранд.

Натиҷаҳои бадастомада дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муассисаҳои нақлиёти мусофирбари шаҳр бо шаклҳои гуногуни моликият ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар заминаи қабули қарорҳо оид ба рушди системаи нақлиёти мусофирбари шаҳр ва системаи идоракунии хизматрасонии он амалан татбиқ шуданд.

Муқаррароти илмию методии муаллиф дар фанҳои бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ, иқтисодиёти корхонаи нақлиёти автомобилӣ, маркетинг дар нақлиёт, менеҷмент дар нақлиёт, банақшагирӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, логистикаи нақлиётӣ, ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти автомобилӣ, иқтисодиёти соҳа барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ татбиқ гардиданд ва ҳамчун асоси муҳим барои омодасозии мутахассисони соҳа истифода шуданд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи таҳқиқот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ,

нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштаи диссертатсия риоя гардидаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**9. Эродҳо доир ба диссертатсия**

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар кори диссертатсионӣ муаллиф аз ақидаҳои олимони ватанӣ нокифоя истифода кардааст.

2. Фаъолияти системаи нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ, аз ҷумла нақлиёти автомобилии мусофирбарии микроавтобусҳо, монополияи табиии давлат мебошад, ки дар бозори монополияи соф амал мекунад ва танҳо як фурӯшанда аст – давлат ва доду гирифт бо истеъмолкунандагон аз рӯйи нархи ягонаи муқарраркардаи давлат мегузарад. Агар асосноккунии назариявӣ-методологии ин масъала ва натиҷагириҳои он дар ташкили идоракунии мусофирбарии шаҳрӣ бо микроавтобусҳо равшан мешуданд, он гоҳ таҳқиқот боз ҳам бой мегашт.

3. Дар кори диссертатсионӣ ба ташаккули инфрасохтори таъминоти системаи нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ, аз ҷумла нақлиёти автомобилии мусофирбарии микроавтобусҳо таваҷҷуҳи кам дода шудааст.

4. Диссертант дар такмилдиҳии идоракунии мусофирбарии шаҳрӣ бо микроавтобусҳо нақши омили инсониро нокифоя нишон додааст.

5. Хуб мешуд дар такмилдиҳии идоракуии нақлиёти автомобилии мусофирбарии шаҳрӣ бо микроавтобусҳо ба такмилдиҳии механизми иқтисодии идоракунии соҳа диққати махсус дода мешуд.

Вале ин камбудиҳои зикршуда аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро паст намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

**10. Хулосаи умумӣ ба диссертатсия**

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) натиҷаи кори таҳқиқоти илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад. Кори дисссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), аз ҷумла ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Суроға: 734058, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1-ми Ҳисор, б. 1, ҳ. 32. Тел.: 918701218, E-mail: eco_institute@mail.ru**

«___» _________ 2026 с.

**Имзои А. Рауфӣ-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуназаров А.Ч.**

**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев, 63/3. Тел: 2340907**

«20» 04 2026 с.

*Ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-015*
*назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ*
*(734042.ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10А)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Файзуллоева Сарвиноз Ҷумаевна ба кори диссертатсионии Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика), пешниҳод карда шудааст**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии КОА.**

Диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» аз ҷиҳати мазмун, ҳадаф, вазифаҳо ва муҳтавои тадқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) пурра мутобиқ мебошад ва ба бандҳои зерини шиноснома мувофиқат мекунад: 1. Равишҳои назариявӣ ва усулии таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нави амалкарди иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба усулҳо, механизмҳо ва афзорҳои мавҷудбудаи амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт; 2. Мукаммалгардонии ташкил ва идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар шароити бозорӣ; 7. Ташхиси иқтисодии фаъолияти муассиса ва ширкатҳои нақлиётӣ, комплекси нақлиётии мамлакат, минтақаҳои он ва ғ.; 11. Баҳо додан ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётии аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат; 28. Стратегияи рушди иқтисодии ҳалқаҳои аввалия ва муттаҳидшудаи нақлиёт; 33. Самаранокии ташкилию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт; 34. Механизми баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ; 41. Шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи нақлиёт.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқот.**

Мавзуи диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» дорои мубрамияти баланд буда, ба талаботи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳтар намудани низоми хизматрасонии нақлиётӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Дар шароити муосир ҳамлу нақли мусофирон яке аз унсурҳои муҳими инфрасохтори шаҳрӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини ҳаракати аҳолӣ, дастрасии хизматрасониҳо, рушди иқтисоди шаҳр ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ мебозад. Дар шаҳри Душанбе микроавтобусҳо (маршруткаҳо) ҳамчун яке аз воситаҳои асосии нақлиёти ҷамъиятӣ мавқеи муҳим дошта, талаботи афзояндаи аҳолиро ба интиқоли мусофирон қонеъ мегардонанд.

Бо вуҷуди ин, дар низоми ташкили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо як қатор мушкилот, аз ҷумла номукаммалии механизмҳои идоракунӣ, паст будани сифати хизматрасонӣ, истифодаи ғайрисамараноки

захираҳо, танзими нокифояи фаъолияти операторон ва мутобиқ набудани баъзе унсурҳои низом ба талаботи муосир ба назар мерасанд. Афзоиши шумораи аҳолӣ ва воситаҳои нақлиёт, зарурати беҳтар намудани шабакаи хатсайрҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ аҳамияти масъалаи мазкурро боз ҳам бештар менамояд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дорои аҳамияти муҳим буда, натиҷаҳои он метавонанд ба такмили механизмҳои идоракунӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти нақлиёти мусофиркашонӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва таъмини рушди устувори низоми нақлиёти шаҳрӣ мусоидат намоянд. Мавзуъ ҷавобгӯи талаботи замони муосир буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

### 3. Дараҷаи асоснокии дастовардҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ба даст оварда шудаанд

Диссертатсия дорои асоснокии илмии кофӣ буда, натиҷаҳои бадастомада дар асоси таҳлили системавии таҷрибаи дохилӣ ва байналмилалӣ дар самти ташкили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе асоснок карда шудаанд. Пешниҳодҳои муаллиф ба такмили механизми идоракунӣ, баланд бардоштани самаранокии хизматрасонӣ ва беҳтар намудани сифати фаъолияти микроавтобусҳо равона гардидаанд.

Дар диссертатсия ҳам механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳам равишҳои идоракунии хизматрасониҳои нақлиётӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ин ба асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳо мусоидат менамояд. Пешниҳодҳои муаллиф ба ҳалли масъалаҳои амалии соҳа, аз ҷумла беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, такмили низоми идоракунӣ ва рушди устувори нақлиёти шаҳрӣ равона шудаанд.

Истифодаи усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва муқоисавӣ имконият додааст, ки натиҷаҳои бадастомада аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва барои татбиқ дар амалия мувофиқ бошанд.

Аз нуқтаи назари умумӣ, диссертатсия дорои натиҷаҳои илмӣ ва амалии боэътимод буда, пешниҳодҳои он метавонанд дар такмили сиёсати идоракунии нақлиёти мусофирбарӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётии шаҳри Душанбе истифода бурда шаванд.

### 4. Сохтор ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертастсионӣ

Дар сарсухани диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, инчунин дигар унсурҳои зарурии таҳқиқоти илмӣ ба таври муфассал асоснок карда шудаанд.

**Дар боби якум** масъалаҳои асосии ташкили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ баррасӣ шудаанд. Асосҳои назариявии низоми ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳрҳо ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳракҳо ва шаҳрҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Мафҳуми ҳамлу нақли мусофирон, вазифаҳои он, намудҳои асосии нақлиёти мусофиркашонӣ, аз ҷумла микроавтобусҳо, муфассал шарҳ дода шудаанд. Ҳамчунин, хусусиятҳои ин намуди хизматрасонӣ, аз ҷумла таъсири он ба дастрасии аҳолӣ, самаранокии ҳаракати мусофирон, рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ ва қонеъсозии талаботи аҳолӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо ҳамчун объекти идоракунӣ баррасӣ гардида, ҷузъҳои асосии низоми нақлиёти мусофирбарӣ, аз ҷумла хатсайрҳо, истгоҳҳо, воситаҳои нақлиётӣ ва унсурҳои ташкилии хизматрасонӣ муайян ва тасниф шудаанд. Инчунин, нақши микроавтобусҳо дар таъмини ҳаракати аҳолӣ, коҳиш додани вақти сафар ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии нақлиётӣ таҳлил гардидааст.

Ҷанбаҳои идоракунии ҳамлу нақли мусофирон, аз ҷумла принсипҳои ташкили низом, ҳамоҳангсозӣ, шаффофият, самаранокии истифодаи захираҳо ва нақши мақомоти танзимкунанда дар сатҳи шаҳр муфассал баррасӣ шудаанд.

Гурӯҳбандии системаи ҳамлу нақли мусофирон аз рӯи аломатҳои функсионалӣ, ташкиливу идоракунӣ, хизматрасонӣ, фазоӣ ва моликият мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҷузъҳои системаи нақлиётӣ ва нақши онҳо дар ҳамоҳангсозии ҷараёни мусофирбарӣ ва ташкили самараноки хизматрасонӣ таҳлил карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, боби якум системаи ташкили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро ҳамчун унсури муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр баррасӣ намуда, сохтори он, ҷузъҳо ва механизмҳои идоракуниро таҳқиқ мекунад ва принсипҳои асосии такмили онро дар шароити муосир муайян месозад.

**Дар боби дуюм т**аҳлили вазъи муосири ташкили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки соҳа бо афзоиши талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва густариши шабакаи хатсайрҳо ҳамзамон бо як қатор мушкилоти ташкилӣ ва идоракунӣ рӯ ба рӯ мебошад.

Бо вуҷуди нақши муҳими микроавтобусҳо дар низоми нақлиёти ҷамъиятии шаҳр ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла номукаммалии механизми идоракунӣ, нобаробарии тақсимоти хатсайрҳо, сатҳи нокифояи сифати хизматрасонӣ ва истифодаи ғайрисамараноки воситаҳои нақлиётӣ ҳанӯз ҳам боқӣ мемонанд.

Таҳлили омилҳои таъсиррасон нишон медиҳад, ки норасоии ҳамоҳангсозии фаъолияти операторон, сатҳи нокифояи рақамикунонии хизматрасониҳо, камбуди механизмҳои назоратӣ ва танзимкунанда боиси паст шудани самаранокии фаъолияти микроавтобусҳо ва маҳдудиятҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳлил зарурати такмили механизми идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳоро нишон дода, аҳамияти ҳамгироии унсурҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва технологиро барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва рушди устувори соҳаи нақлиёти шаҳрӣ таъкид менамояд.

**Дар боби сеюм** масъалаҳои асосии такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе баррасӣ мешаванд. Аввалан, таъкид мегардад, ки барои истифодаи самараноки механизмҳои нави идоракунӣ зарурати ташаккули заминаи ҳуқуқию ташкилӣ ва иқтисодии мукаммал вуҷуд дорад, ки на танҳо тартиби танзими фаъолияти операторон ва интихоби хатсайрҳоро фаро гирад, балки низоми назорат, мониторинг ва арзёбии самаранокии хизматрасониро низ таъмин намояд.

Дуюм, таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки мутобиқсозии моделҳои пешрафтаи идоракунии нақлиёти мусофирбарӣ бо назардошти шароити шаҳрӣ ва хусусиятҳои маҳаллии шаҳри Душанбе имконият фароҳам меорад, ки самаранокии истифодаи микроавтобусҳо баланд бардошта шуда, ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтори нақлиётии шаҳр таъмин гардад.

Сеюм, татбиқи механизмҳои муосири идоракунӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, низоми электронии идоракунии хатсайрҳо ва пардохти ғайринақдӣ, имкон медиҳад, ки равандҳои мусофирбарӣ самараноктар идора ва ҳамоҳанг карда шаванд. Ин раванд ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва устувории низоми нақлиёти мусофирбарӣ мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, дар ин боб масъалаҳои таҳияи стратегияҳои рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, коркарди амсилаҳои иқтисодию риёзии пешгӯии талабот ба хизматрасониҳо ва такмили механизмҳои идоракунӣ баррасӣ гардида, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳа пешниҳод карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ, боби сеюм ба такмили механизмҳои идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе равона гардида, аҳамияти истифодаи равишҳои стратегӣ, иқтисодӣ ва рақамиро барои рушди устувори соҳаи нақлиёти шаҳрӣ таъкид менамояд.

## 5. Аҳамияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳои тадқиқот

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошанд. Аз нуқтаи назари назариявӣ, тадқиқот ба рушди асосҳои илмии идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мусоидат намуда, принсипҳо ва равишҳои такмили механизми ташкили идоракуниро асоснок менамояд. Муаллиф ҷанбаҳои гуногуни низоми мусофирбарӣ, аз ҷумла сохтори ташкилии он, равандҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳоро таҳлил намуда, онҳоро дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва шаҳрсозии муосир ба таври илмӣ шарҳ додааст. Ин равиш барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи иқтисодиёти нақлиёт ва идоракунии хизматрасониҳои шаҳрӣ заминаи назариявӣ фароҳам меорад.

Ҳамзамон, аҳамияти амалии натиҷаҳо дар имконияти татбиқи онҳо дар фаъолияти мақомоти идоракунии нақлиёт ва ташкилоти хизматрасонии мусофирбарӣ зоҳир мегардад. Пешниҳодҳо ва механизмҳои таҳияшуда ба беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи микроавтобусҳо ва такмили низоми идоракунии хатсайрҳо мусоидат мекунанд. Инчунин, онҳо барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосири идоракунӣ ва рақамикунонӣ дар соҳаи нақлиёти шаҳрӣ замина фароҳам меоранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, ҳамчун саҳми муҳим дар рушди илми иқтисодиёти нақлиёт ва такмили механизми идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо арзёбӣ мегардад.

## 6. Саҳми шахсии довталаб дар бадастоварии натиҷаҳои илмӣ

Муаллиф дар асоси таҳлили назариявӣ ва омӯзиши таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ ҷанбаҳои асосии ташкили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар шаҳри Душанбе таҳқиқ намуда, омилҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва идоракунии ба фаъолияти соҳа таъсиррасонандаро муайян кардааст.

Саҳми муҳими довталаб дар таҳияи равишҳои нав ва такмили механизмҳои идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, аз ҷумла пешниҳод ва асосноксозии усулҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои нақлиёт ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ифода меёбад.

## 7. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада

Диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дорои сатҳи баланди саҳеҳии илмӣ буда, натиҷаҳо дар асоси усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, таҳлили системавӣ, муқоисавӣ ва моделсозӣ ба даст омадаанд. Истифодаи маълумоти оморӣ ва таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин намудааст.

Навгонии илмии тадқиқот дар такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ифода меёбад ва натиҷаҳои асосии он чунинанд:

1. Асосҳои назариявӣ ва принсипҳои идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо таҳлил гардида, нақши мақомоти маҳаллӣ дар такмили он муайян карда шуд.

2. Вазъи муосири мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе таҳлил шуда, омилҳои таъсиррасон ва сатҳи сифати хизматрасонӣ арзёбӣ гардиданд.

3. Стратегияи рушди мусофирбарӣ ва амсилаи иқтисодию риёзии пешгӯии талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо коркард карда шуд.

4. Самтҳои такмили идоракунӣ, аз ҷумла муносибгардонии хатсайрҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва рақамикунонии системаи идоракунӣ пешниҳод гардиданд.

Дар маҷмӯъ, навгониҳои илмӣ ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва рушди хизматрасониҳои нақлиётии шаҳрӣ равона шудаанд.

**8. Инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Натиҷаҳои диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар як қатор нашрияҳои илмӣ, инчунин дар конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (давоми солҳои 2023–2025) мавриди баррасӣ ва инъикос қарор гирифтаанд. Дар асоси маводи диссертатсия 11 адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**9. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия зикршуда**

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи маҷмӯи усулҳои муосири таҳқиқотӣ таъмин гардидааст. Аз ҷумла, таҳлили иқтисодӣ, арзёбии стратегӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои рушди соҳа, таҳлили системавӣ ва моделсозии равандҳои идоракунии инфрасохтори нақлиёт истифода бурда шудаанд. Ин усулҳо имконият додаанд, ки натиҷаҳо на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз нуқтаи назари амалӣ низ санҷида ва асоснок карда шаванд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия хусусияти амалӣ дошта, ба такмили механизмҳои идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои нақлиётӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва суръатбахшии равандҳои ҳамлу нақли молу мусофирон равона шудаанд. Инчунин онҳо барои рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи нақлиёт ва таҳкими рақобатпазирии корхонаҳо аҳамияти муҳим доранд.

**10. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсияи Сайфуллозода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмилдиҳии механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» аз ҷиҳати мазмун, сохтори мантиқӣ ва муҳтавои илмӣ бо диссертатсияи пурра мутобиқати комил дорад. Дар он ҳамаи

чанбаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла асосҳои назариявӣ ва методологӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти ва предмети омӯзиш, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои асосӣ ба таври мураттаб ва мувофиқ бо меъёрҳои корҳои илмии тахассусӣ инъикос ёфтаанд.

Аз нигоҳи мутобиқат ба талаботи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) низ автореферат пурра ба меъёрҳои муқарраргардида ҷавобгӯ буда, сатҳи баланди таҳлили илмӣ ва риояи талаботи методологиро инъикос менамояд.

Дар маҷмӯъ, автореферат ҳамчун инъикоси мухтасар, вале пурмазмуни диссертатсия, муҳтавои илмии онро дақиқ, муназзам ва бо услуби академии олуфта баён намуда, мутобиқати пурраи онро бо кори асосии тадқиқотӣ тасдиқ менамояд.

## 11. Камбудиҳои тадқиқоти диссертатсионӣ

Бо вуҷуди он ки диссертатсияи Сайфуллозода Олуфта Мирулло дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ буда, масъалаи муҳими такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанберо фаро мегирад, дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили маводи пешниҳодшуда як қатор ҷанбаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки метавонанд дар таҳрир ва такмили минбаъдаи кор ба сатҳи боз ҳам баландтари илмӣ расонида шаванд:

1. Дар зербанди 1.1 истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ва манбаъҳои хориҷӣ маҳдуд буда, шарҳи кофии аҳамияти онҳо ва мутобиқсозии онҳо ба шароити шаҳри Душанбе пешниҳод нашудааст.

2. Муаллиф дар зербанди 1.2 таҳлили мушкилот мавҷуд аст, вале робитаи сабабу натиҷа пурра кушода нашуда, инчунин дараҷаи афзалиятнокии мушкилот ба таври кофӣ муайян нагардидааст.

3. Аз ҷониби диссертант дар зербанди 2.1 масъалаи субсидияҳо ва нақши буҷет дар рушди нақлиёти ҷамъиятӣ ба таври кофӣ амиқ таҳлил нагардидааст, инчунин дар ин параграф, гарчанде масъалаи "шаҳри сабз" зикр шудааст, аммо ҳисобҳои мушаххаси таъсири экологӣ ($CO_2$, NOx ва ғ.) оварда нашудаанд.

4. Дар параграфи 2.3 гуфта мешавад, ки усули Харрингтон истифода шудааст, аммо нишон дода нашудааст, ки чаро маҳз ин усул барои микроавтобусҳо беҳтараст.

5. Дар паргрaфи 3.3 пешгӯӣ то соли 2030 пешниҳод шудааст, аммо усули пешгӯӣ дақиқ шарҳ дода нашудааст.

## 12. Хулосаи умуми доир ба диссертатсия

Диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» ба баррасии масъалаҳои муҳими рушди низоми нақлиёти шаҳрӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва такмили хизматрасонии мусофирбарӣ дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ бахшида шудааст ва аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) таҳия гардидааст.

Муаллиф ба омӯзиши вазъи кунунии ташкили мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти нақлиётӣ, арзёбии мушкилоти идоракунӣ, инчунин муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ диққати ҷиддӣ додааст. Дар кор усулҳои таҳлили оморӣ-иқтисодӣ ва моделсозии иқтисодию риёзӣ истифода гардида, як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ таҳия шудаанд.

Матни диссертатсия бо забони илмӣ, равон ва мувофиқ ба талаботи методологии таҳқиқоти иқтисодӣ таҳия гардидааст. Сохтори кор мантиқӣ буда, бобҳо ва зербобҳо бо ҳам робитаи зич доранд. Адабиёти истифодашуда муосир ва фарогир мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) ба итмом расонда шуда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ,
муаллими калони кафедраи
иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Файзуллоева С.Ҷ.

Суроға 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
Тел.: (+992 37) 2 -31-02-01; e-mail: info@tgfeu.tj

Имзои н.и.и., Файзуллоева С.Ҷ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.